**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи "Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқи-конститутсионӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти илмии Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна ба масъалаи мубрами замони муосир, ки аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад, ба падидаи парлумон, аниқтараш ба раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар ҶТ аллакай таҷрибаи фаъолияти ин падида ҷамъ оварда шудааст, ки фаҳмиши илмии он ва тавсияҳои амалӣ оид ба раванди қонунгузории парлумонӣ дар ин соҳа имконият медиҳад.

Аз мундариҷаи автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии С.Н. Яқубова хусусияти комплексӣ дорад. Дар он баррасӣ ва тартиби қабули қонунҳои ҶТ ва баъзе аз давлатҳои хориҷӣ ба таври муқоисавӣ низ баррасӣ карда шудааст. Низомнокии ҷараёни раванди қонунгузорӣ, субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, муваззаф будани баъзе аз субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оиди пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо баррасӣ карда мешавад. Ҳамчунин дар рисолаи илмӣ намудҳои гуногуни субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва мафҳуми худи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, таҳлил карда мешавад. Ҳамзамон салоҳияти Президенти ҶТ ва баъзе аз кишварҳои хориҷӣ доир ба мавҷуд будани салоҳияти онҳо, вобаста ба ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ тавсиф карда мешавад,

масъалаи масъулияти конститутсионӣ-ҳуқуқии вакилони Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ оиди дастаҷамъона қабул ва ҷонибдорӣ намудани қонунҳо баррасӣ карда мешавад. Диссертант ба ақидаи олимоне ҳамроҳ мешавад ва пешниҳод мекунад, ки раванди қонунгузорӣ аз фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ фарқ дорад. Чӣ аз ҷиҳати мафҳум ва чӣ аз ҷиҳати дар кадом шакл қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ.

Дар кор як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили раванди қонунгузории парлумон С.Н. Яқубова таснифоти муаллифии давраҳои раванди қонунгузории кишварҳои хориҷиро ба ду гуруҳ "васеъ" ва "маҳдуд" (саҳ.6) ҷудо намуда бояси таҳлил қарор додааст. (саҳ.61). Муаллиф ба яке аз давраҳои таснифнамудаи олимони хориҷӣ аз қабили Б.А. Страшун, Д.Б. Катков, Е.В. Корчиго (саҳ.67-68) қобили қабул мешуморад.

Аз таҳлили автореферат бармеояд, ки муаллиф дар раванди қонунгузорӣ Маҷлиси Олӣ бо Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ (бо вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ), бо намояндагони он ҳизбҳои сиёсие, ки дар парлумон мандати вакилиро соҳиб ҳастанд, бо раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо (яъне онҳое, ки аъзои Маҷлиси миллӣ мебошанд) дар ҳамфаъолиятии зич қарор доштаро хеле хуб таҳлил намудааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти рисола оиди намудҳои қонунҳои ҶТ, ки аз тарафи Маҷлиси Олии ҶТ қабул мешавад хуб таҳлил намудааст. Маҷлиси Олии ҶТ қонунҳои конститутсионӣ, кодекс ва қонунҳои ҶТ – ро дар асоси дастҷамъи бо овоздиҳӣ пинҳонӣ қабул мекунанд.

Ҳамчунин муаллиф яке аз нуктаҳои муҳимми мавзуи мазкур ба тафсири қонунҳои ҶТ аҳамияти ҷиддӣ додааст, ки он аз тарафи Маҷлиси Олӣ дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул карда мешавад.

Аммо дар рисолаи таҳқиқгашта аз тарафи муаллиф доир ба фаъолити ҳуқуқэҷодкунии Президент он қадар бештар таваҷҷуҳи бисёр зоҳир нашудааст. Хуб мешуд агар, оиди ин масъала бештар сухан гуфта

мешуд. Аммо ин эроди гуфташуда боиси коҳиш доданирисолаи илмӣ намегардад.

Бояд тазаккур дод, ки дар вазъи кунунии ҷумҳурӣ вусъат ёфтани қабули қонунҳои хусусияти миллӣ дошта низ ба назар мерасад. Кунун вакти он расидааст, ки парлумон конунҳоеро матраҳ намояд, ки хусусият ва манфиати халқи тоҷикро ифода намоянд, ба моҳияти демократӣ ва ҳуқуқбунёдии кишвар созгор бошад.

Ҳолатҳои зикршударо ба инобат гирифта, С.Н. Якубова кушиш намудааст, ки таҳқиқоти диссертатсиониро дар сатҳи баланд таҳлил намояд.

Диссертант асоснок мекунад, ки асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро хулосаҳо ва муқаррароти умумиэътирофшуда, ки дар адабиёти илмии ҳуқуқи конститутсионӣ таҳия шудаанд, ташкил медиҳанд. Ба андешаи у заминаи назариявии таҳқиқоти гузаронидашударо асарҳои илмии З.Ҷ. Маҷидзода, А. Ализода, Б.С. Гадоев, М. Дададжонов, А.М. Диноршоҳ, А.С. Достиев, А. Имомов, М.А. Маҳмудзода, Э.С. Насриддинзода, И.Д. Сафаров, Ф.Т. Тоҳиров, А.Г. Холиқзода, Р. Шарофзода ва дигарон ташкил медиҳанд.

Диссертатсияи С.Н. Якубова аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 400 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи таҳқиқи мавзуъ докторант 11 навгониро барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Гайр аз ин дастоварди илмии докторант оид ба такмили раванди қонунгузории парулумони кишвар тавсияҳои ҷолиби диққат пешниҳод намудааст. Навовариҳои пешниҳодшуда сазовори дастгирӣ мебошанд. Бинобар ҳамин саҳми муаллифро дар муайян намудани масъалаи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ –ро қайд кард.

Мақсади таҳқиқоти докторӣ дар умум муваффақона ба даст оварда шудааст. Вазифаҳои таҳқиқот бо муқаррароти барои ҳимоя баровардашуда алоқамандand. Автореферат ба сохтор ва мундариҷаи

диссертатсия комилан мувофиқат мекунад, ҷанбаҳои заруриро дар бар мегирад.

Аз мазмуни автореферат муайян кардан мумкин аст, ки докторант Яқубова С.Н. вобаста ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ усули истифодаи адабиёти илмиро хуб ба роҳ мондааст.

Дар асоси навиштаҷоти боло, бояд хулоса кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Яқубова Сабоҳат Нарзулоевна дар мавзуи "Масъалаҳои мубрам ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз руи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон: дотсент, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ: Аминова Ф.М.

"16" "05" 2024 с.

Имзои мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон, дотсент, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ Аминова Ф.М. – ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.